# Дар куҷо таҳсил бояд кард?

***Моҳи июни ҳар сол давраи пуртараддуди тайёрии довталабон барои дохил шудан ба мактабҳои олӣ мебошад. Барои бо тарзи тест баргузор намудани имтиҳонҳои соли хониши 2003-2004 Маркази давлатии тести Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон низ фаъолона омодагӣ мебинад.***

***Ба қабули мактабҳои олӣ имсол чӣ гуна навгониҳо дохил гаштааст? Дар ин замина директори маркази мазкур Баҳром Исмоилов ба хабарнигори ЎзА чунин гуфт:***

—Девони Вазирон қарорро «Дар бораи қабул ба муассисаҳои таълими олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон барои соли хониши 2003-2004» нашр намуд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат барои тарбияи бакалаврҳо квотаи умумии 51100 нафар ва аз он ҷумла бо гранти давлатӣ 19900 ва бо асоси пулию қарордодӣ ба микдори 31200 нафар қабул мегарданд.

Ҳамчунин квотаи қабул барои тарбияи магистрҳо афзудааст. Барои магистрӣ миқдори он 5400 нафар мебошад. Агар ба шӯъбаҳои ғоибонаи махсуси мактабҳои олӣ соли гузашта қариб ҳазор аз ҷумлаи кадрҳои педагогӣ қабул гардида бошад, имсол он панҷ ҳазор нафарро ташкил хоҳад дод. Ин далели он аст, ки дар мамлакати мо ба инкишофи таълим аҳамияти калон дода мешавад.

Ёдовар мешавем, ки 22 маи соли ҷорӣ Қарори Девони Вазирон «Дар бораи имтиёзҳои иловагии хизматчиёни ҳарбие, ки дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар рутбаҳои сарбози қаторӣ ва ҳайати сержантӣ хизмати ҳарбии ҳатмиро адо менамоянд», чоп шуда буд. Мувофиқи ин қарор шаҳрвандоне, ки хизмати ҳатмии ҳарбиро дар Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ба итмом расонданд, ҳангоми қабул ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ аз рӯи ихтисосҳои техникӣ, ки барои таъмини Қувваҳои Мусаллаҳ бо кадрҳои соҳибмалака шартҳои имтиёзнок ҳангоми озмоишҳои тест дар шакли холҳои иловагӣ ба андозаи бист фоизи ҳадди аксари онҳо дода мешавад. Ин имтиёз бо вуҷуд доштани тавсияномаи роҳбарияти қисми ҳарбӣ ба эътибор гирифта мешавад.

Тавсияномаҳои қисмҳои ҳарбӣ барои дохил шудан ба мактабҳои олии мамлакат ба хизматчиёни ҳатмии ҳарбӣ дода мешавад, ки натиҷаҳои тайёрии ҳарбӣ ва донишҳои ҷамъиятию сиёсиро соҳиб буда, аз ҷониби командирҳои иттиҳодияҳо ва роҳбарони бо онҳо баробаррутбае, ки барои тавсифи хизматчии ҳарбӣ масъул мебошанд, дода мешавад. Тавсияномаҳои роҳбарони қисмҳои ҳарбӣ аз рӯзи имзои он дар тӯли се сол эътибор дорад.

Аз рӯи талабҳои ислоҳот бар омада, ки дар ҷумҳурӣ татбиқ мегардад, аз рӯи баъзе самтҳо ва ихтисосҳои нав таълим ба роҳ гузошта мешавад. Аз ҷумла, Донишкадаи олии ҳарбии гумрук таъсис дода шуд. Бо мақсади тарбияи мутахассисони соҳибмалака барои минтақаи назди Арал дар пояи факултаи аграрии Донишгоҳи давлатии Қароқалпоқистон бахши Донишгоҳи давлатии аграрии Тошканд дар Нукус ба вуҷуд оварда шуд. Барои бахши олмалиқии Донишкадаи давлатии кӯҳи Навоӣ озмуни алоҳида эълон гардид.

Дар мамлакат бо ташаббуси роҳбари давлат ба инкишофи варзиши бачагон эътибори алоҳида дода мешавад. Аз ин боис дар Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии Ӯзбекистон аз рӯи ихтисоси таълими касбӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва маданият ба амал татбиқ мегардад. Қабул ба бахши тошкандии Фарҳангистони иқтисодии Русия ба номи Г.В.Плеханов ҳамчунин мисли дигар мактабҳои олии ҷумҳурӣ ба амал меояд. Дар Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон донишҷӯён ба ихтисосҳои архившиносӣ, техникаи лазер ва технологияи лазер қабул карда мешаванд.

Дар маркази тест ва дар ҳамаи мактабҳои олӣ ҳама шароит барои озмоиши тест барои донишҷӯён ба вуҷуд оварда шудааст. Қабули ҳуҷҷатҳо аз довталабон аз 20 июн то 20 июл идома хоҳад дошт. Барои он ки имтиҳоноти тест дар сатҳи баланд ва адолатнок анҷом ёбад, дар Маркази давлатии тест фондҳои бонки саволҳои фанҳо тахия гардидааст. Таҷҳизоти муҳими техникӣ барои алоқа дар байни марказ ва мактабҳои олӣ гузошта шудаанд. Бо кӯмаки ин таҷҳизот маълумот аз мактабҳои олӣ ба Маркази тест меояд. Барои имтиҳоноти тест тамоми ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ вуҷуд дорад. Рӯихати намояндагони Маркази давлатии тест, ки дар ин ҷараёни масъулиятнок ширкат хоҳанд кард, тартиб дода шудааст. Барои онҳо машғулотҳои семинарӣ созмондиҳӣ гардид.

Дар соли ҷорӣ интизорӣ меравад, ки сафи довталабони мактабҳои олӣ зиёд мегарданд. Аз ин рӯ рӯихати роҳбарони синфхонаҳо ва нозирон аз ҷумлаи муаллимон ва намояндагони ҷамъиятӣ тартиб дода шудааст, ки барои онҳо низ машғулотҳои зарурӣ гузаронда шуд. Биноҳо ва синфхонаҳо аз нав таҷдиди назар мегарданд, ки онҳо махсус барои имтиҳоноти тест муқаррар гаштаанд. Дар тамоми мактабҳои олӣ ҳуҷҷатҳои меъёрии имтиҳони тест паҳн гаштааст.

Дар охири сӯҳбат меҳоҳам бигӯям, ки имтиҳонҳои тест, ки дар соҳаи таълим бо ташаббуси Президент Ислом Каримов татбиқ гардидааст, дар тӯли чандин сол ҳарчи бештар боварии мардумро дар интихоби ҷавонони соҳибистеъдод дар мактабҳои олӣ, таъмини қабули адолатнок ба онҳо соҳиб мегардад.

**Мусоҳибаи Назокат УСМОНОВА, хабарнигори ЎзА.**

Ҳамзамонони мо

# Ҳайкал

## *Дуо*

Шаб. Оромӣ. Аммо...

Дар як гӯшаи деҳа дар хонае писарбачаи тахминан дувоздаҳсола сари худро ба кӯрпа печонда бо алам, вале беовоз гиря мекунад. Ҳа, ҳар шаб, вақте ки ҳамаро хоб бурдаасту модари бемораш низ каме таскин меёбад, ӯ мегиряд ва илтиҷо мекунад: «Худоё! Дарди модарамро даво деҳ. Наход ӯро хандон намебинам?» Баъди илтиҷову зорӣ гӯё аламаш паст мешавад, оби чашмонаш хушк шуда, хаёлаш ба парвоз медарояд. Ана, вай калон гаштаасту аз пойтахт духтури зӯр оварда модарашро нишон медиҳад. Не, худаш духтур шудаасту ба дарди модари меҳрубонаш даво ёфтааст. Модар сиҳҳату саломат, шоду масрур фарзанди «донояш»-ро ба оғӯш мекашад, мебӯсад, навозиш мекунад... Нолаи дардноки модар риштаи хаёлоти ӯро бармеканад.

— Ҳа, апа?

— Бедорӣ? Хоб рав, бачам. Мегузарад.

Чанд сол аст, ки модар «мегузарад» гӯён онҳоро таскин медиҳад. Чӣ илоҷ? Дар Фарғонаву Риштон, Боткону Исфара духтуру табибе намонд, ки нишон надода бошанд...

Ҳар бегоҳ хешовандону наздикон ҷамъ меомаданд ва аз табибу давоҳои гуногун ҳарф зада дили беморро мебардоштанд. Боре:

— Дарвоқеъ, Маъруфҷон духтури нағз шудааст, мегӯянд, як нишон диҳем - чӣ,— гуфт модаркалони падарии бача.

— Кадом Маъруфҷон? — бетоқатона суол кард модаркалони модарӣ, ки бемордорӣ мекард.

— Писари Ҳакимҷони худамон-дия, — ба гап ҳамроҳ шуд бобо. — Хонданашро тамом карда барои кор ба Фарғона омадааст. Дар чашмони ҳозирон шарораҳои умед барқ заданд.

— Албатта нишон медиҳем, — қарор карданд онҳо.

Ҳамон шаб кӯдак аз гиря худдорӣ карда дар фазои хаёлҳои ширину гуворо парвоз намуд. Модарро хандон, падарро беташвиш, додару хоҳаронашро шоду масрур медид. «Агар модарам шифо ёбад, ба акаи Маъруф ҳайкал мегузорам», кӯдакона аҳд кард дар дил...

... Дар хонаи пасту торик ва ваҳмангез чунин хомушӣ ҳукмфармо буд, ки танҳо нафаскашии бемор шунида мешуд. Дидагони умедвори чаҳор нафар кӯдаки гирён падар, бобо ва модаркалон ба ҳаракатҳои чолоконаву зебандаи ҷавони чеҳракушоди гандумгун, ки беморро синчакорона муоина менамуд, — дӯхта буданд. Ӯ саросар гӯшу ҳуш гашта буд, дар хона гӯё танҳо вай буду бемор.

— Аз ҳамин соат сар карда дар ин хона набояд касе гиря кунад, — гуфт ӯ баъди муоина ва илова намуд:

— Гиря суд надорад, модарро табобат мекунем. Албатта, шифо меёбанд. Ҳеҷ гап не, ҳамааш хуб мешавад...

«Агар бемор шифо хоҳад, — табиб бо пои худаш ба хона меояд» гуфтаанд. Бигузор ин аввалин кори мустақилонаи ман бошад.

— Фотеҳаи сафед диҳед, бобо, — гуён ӯ ба амакаш муроҷиат кард.

— Илоҳо, аз дилу дидаи мардум ҷой ёбӣ, Луқмони ҳаким мададгорат бошад. Омин! — даст кушод амак

## *II. Дар талаби илм*

Ҳакимҷонамак марди серфарзанд буд. Азбаски чашмикордону серғайрат буд, ҳамаи кӯдакро серӣ меҳӯронду гарм мепӯшонд. Аммо баъзан бемор мешуд. Дар ин гуна мавридҳо писари калонӣ Маъруфҷон, ки аз гармиву сардии ҳаёт бохабартар буд, муттакои оила мегардид. Бо вуҷуди ин аз мутолиаи китоб даст намекашид. Мактабро бо баҳои «аъло» хатм намуд. Соли аввал ба қавле «бахташ нахандид». Рӯҳафтода нагашт. Гӯё ӯро маҳз барои таҳаммул ва мубориза офарида буданд. Даву тоз намуда дар деҳа филиали китобхонаи марказиро боз намуда дар он ҷо ба кор сар кард. Китобхона ба маскани маърифат ва баҳсу мунозира табдил ёфт. Ӯ ҳам кор мекарду ҳам дониш меандӯхт, барои соли оянда тайёрӣ медид. Шабона бошад, дар курси яксолаи мактаби шабона таҳсил мегирифт. Боре ҳамроҳи падар ба аёдати амакашон Мулло Раҳмонбердӣ, ки марди донишманду парҳезгор ва соҳибкароматӣ Сӯх буданд, рафту дар нақшаҳои пинҳониаш дигаргунӣ дохил гардид.

Мегӯянд, ки Мулло Раҳмонбердӣ каромат мекарданд. Эшон чун ҳамеша бо сари хам машғули тиловати оятҳои раббонӣ буданд. Баъди чанд лаҳза якбора сар бардошта гуфтанд:

— Аз авлоди мо уламо ҳастанд, муаллимон ҳам, Маъруфҷон ҳаким (пизишк) мешавад, иншооллоҳ.

Маъруфҷон ҳамон сол ба ду донишкадаи шаҳри Самарқанд ҳуҷҷат супорид. Аммо инро ҳеҷ кас, ҳатто падараш ҳам, намедонист. Лаҳзаҳои ҳаяҷонбар, рӯзҳои пурташвиши имтиҳонот сар шуданд. Маъруфҷон, ки ба дониши худ боварии қатъӣ дошт, дар роҳи донишкадаҳои омӯзгорӣ ва тиббии Самарқанд мокувор равуо дошт. Ва... ба деҳа донишҷӯи ду донишгоҳ шуда баргашт. Падараш аз воқеа хабар ёфта ҳазломез гуфт:

— Дигарон барои дохил шудан «одам» ёбанд, мо барои «хориҷ кардан» одам меҷӯстаем - дия. Худам наравам, намешавад. Ҳа, дарвоқеъ гапи амакам рост баромад. Ту духтур мешавӣ.

— Ҳа. Ҳақиқат қат шавад ҳам, намешиканад, — мегӯяд Маъруфҷон он рӯзҳоро ба ёд оварда:

— Беҳуда нагуфтаанд, ки «тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад». Маншаи дониш хониш аст. Дар ин айём, ки гомҳои тараққиёт босуръат аст, ҳар соат бояд омӯхт. Агар духтури имрӯза як соат пешаи худро фаромӯш кунад, як рӯз фориғбол шавад, як моҳ ақиб мемонад. Аз навигариҳои илмӣ тиб, технологияи ҳозиразамон бехабар мондан заволи касби пизишкӣ аст. Ба ин гуфтаҳо ӯ амал мекунад. Аз «Хазинаи тибби қадим», аз осори Абӯалӣ Синову Закириёи Розӣ, аз Луқмони Ҳаким, Буқроту Ҷолинус меомӯзад, ба ҳамкорон талқин мекунад. Ду сол дар Маскав, дар мактаби духтурии академик Чазов таҳсил гирифтан, дар чанд симпозиумҳои илмӣ иштирок кардан аз фидоии пешаи худ будани ӯ далолат медиҳанд. Ӯ меомӯзад ва меомӯзонад.

## *III. Ҳабиби мардум*

***Шарти аввали табиб***
***будан ҳабиб будан аст.***
**Луқмони Ҳаким.**

Ҳаёту фаъолияти Маъруфи Эгамзод бо ҳодисоту воқеаҳои фаромӯшношуданӣ рангину музайян аст.

Рӯзҳои ба деҳа омадани ӯро мардум пешакӣ медонанд. Хонаи падарӣ аз ҳоҷатмандон пур мешавад. Баъди бо падару модар ва наздикон воҳӯрӣ кардан зуд тағйири либос намуда, назди «меҳмонон» мебарояд ва бо ҳар яки онҳо дуру дароз «сӯҳбат» мекунад. Доруву дармон таъин менамояд, маслиҳат медиҳад, дилбардорӣ мекунад. Чеҳраи кушоду муомилаи хуши ӯ худ ними даво аст.

Боре як ҷавони шармгин ба хона даромада аз бисёрии ҳоҷатмандон даступо меҳӯрад ва тасмим мегирад, ки навбат ба ӯ намерасад, то аз бемории параш хабар диҳад. Вай оҳиста баромада меравад. Маъруфҷон, ки дар ин асно машғули муоинаи бемор буд, омадану зуд рафтани ӯро пай мебарад, ҷавон дар роҳ бо ҷӯрааш воҳӯрда, ба хонаи ӯ медарояд. Баъди сӯҳбати дуру дароз ва «баровардан»-и ғубори дил ба хона бармегардад ва аз дар медарояду... ба чашмонаш бовар намекунад. Маъруфҷон ҳамроҳи падараш чой менӯшид. Димоғи падар хуш буд.

Мардуми деҳаи Демурсади ноҳияи Сӯх, ки зодгоҳи ӯст, бо фарзанди донишманди худ — Маъруфҷони Эгамзод, ки алҳол сардухтури касалхонаи дили вилояти Фарғона буда, тамоми фаъолияти худро ба рушду такмили соҳаи тансиҳҳатии аҳолӣ бахшидааст, фахр мекунанд. Ӯ дар беморхона роҳбари кордону меҳрубон: дар оила падари ҳалиму бобои афсонагӯ, дар назди падару модар ва хешовандон маслиҳатгари доно, дар байни мардум табиби дардошно, дар давраи дӯстон рафиқи ҳозирҷавобу ҳақгӯст.

***

Боре модарам гиламез гуфтанд:

— Дар бораи хешу ақрабо ва наздикон наменависанд магар?

— Чӣ буд? — ҳайрон шудам.

— Барои чӣ дар бораи Маъруфҷон чизе наменависӣ? «Ҳайкал мегузорам» мегуфтӣ, охир?!

— Ба ин кор ҳоҷат намонд, модарҷон,— аз ваъдаи кӯдаконаи худ шармида гуфтам дар ҷавоб.

— Маъруфҷонака худаш дар дили даҳҳо одамон ҳайкали бешабоҳате пай афкандааст...

— Бо вуҷуди ин навис. Ҳеҷ набошад, дуои маро, ки бисту панҷ сол аст, ки такрор мекунам, дигарон шунаванд.

— Бифармоед.

— Илоҳо дастонат дард набинад, Маъруфҷон.

**Равшани МӮЪМИН, деҳаи Демурсади ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

Хазина

# Ҳикмати Синои оқил

**Аз қаъри гили сияҳ то авҷи Зуҳал,**
**Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал,**
**Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,**
**Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.**

Муаллифи ин сатрҳо зодаи Бухорои бостонӣ, яке аз асосгузорони илми табобат Абӯалӣ ибни Сино аст. Вай ҳақиқатан ҳам ба тамоми дардҳои инсонӣ даво ёфтаву пеши танҳо аҷал ночор монда будааст. Сабаби байни мардум машҳур шудани ривояте дар бораи он, ки нури Сино халосӣ аз маргро низ ёфтаву доруи тайёрнамудааш туфайли бепарвоии шогирдаш нобуд мегардад, далел бар ягонагии ӯст. «Агар дар ҳаёт чангу ғубор намешуд, одам сад сол ва ҳатто ҳазор сол умр диданаш мумкин мебуд»-ро ҳам айнан он марди ҳамадон гуфтааст. Ин ҳикмат чунин маъно дорад, ки мо аксаран ҳаёти хешро бо дасти худ нобуд менамоем. Ҳудаю беҳуда ба асабвайронкуниҳо дода мешавему дар боби ҳалолу ҳаром кам андеша меронем. Зиндагиамонро ғуборолуд, пурчанг месозем, ки аз назари маънавӣ ҳам ва аз диди экологӣ ҳам қобили қабул нест.

Мероси бою ҳайратомези ӯ, ки бешак ба кулли инсонҳои рӯи замин якранг хизмат дорад ва сарвати башардӯстонаву ҳамагонӣ гаштааст, шоистаи эътибори умум ва арзандаи эътироф мебошад. Ӯро аҳли дунё бо номи Авицена( кӯтоҳшудаи Абуалӣ ибни Сино) мешиносанд. Калимаи «медицина», ки дар ҳамаи забонҳои олам ҳамин як шаклу талаффуз дорад, айнан «мададӣ Сино» тарҷима мешавад. Яъне, нури Сино мададгори ҳар як фарзанди Одам қатъи назар аз нажоду миллаташон, мақому манзаллаташон аст. Аллома бо соддабаёниву нишонрасии фикрҳояш оламу одамро забт кард. Мисоли он, ки Худову Замин ва Осмон якест. Вай ҳам дурдонаи бемисли илми тиббиёт гардид. Тарзи зист ва муҳофизати саломатиро ба ҳама баробар сабақ дод. Инак мазмуни баъзе аз гуфтаҳои Синои оқил:

Кореро кун, ки қувват ба он расад, хӯрокеро хӯр, ки шикамат бардошта тавонад. Ба ҳамёнат нигоҳ карда, харидорӣ намо ва ба худат муносиб ёр интихоб кун. Фаромӯш масоз, ки зӯри беҳуда миён мешиканад. Яъне таоми ба миҷозат маъқулро истеъмол кун, вагарна озодии нафс касро ба фалокат мерасонаду пеши роҳи ризқу рӯзиро мегирад.

Туфайли сабру қаноат аз ҳама гуна касалӣ халосӣ ёфтан мумкин. Дар ёд дор: Инсонро гуруснагӣ, ночорӣ не, балки баднафсиву ғаму ғусса адо мекунад. Бемории меъда ҳам аз хӯрданиҳо набуда, натиҷаи аламу андӯҳҳои кашида, ташвишҳои беҳуда аст.

Табиби одили ҳар як кас — меъёр аст. Мегӯянд, ки агар меъёр риоя шавад, заҳри мор низ шифобахш мегардад. Аммо баднафсу ғамолуд ва ноумед бошед, асал хӯрда ҳам гирифтори марг шуданатон ҳеҷ гапе не.

Охирин гуфтаи Сино беҳуда пайдо нашудани ривояти поёниро тасдиқ менамояд: Боре Сино машғули табобат буду беморонро аз назорат мегузаронид. Ба яке дору медоду ба дигаре маслиҳат. Вале ба касале нимнигоҳе ҳам накард. «Ба ман чизе нагуфт, қазоям наздик магар»,— гӯён он бемор ба хонааш омада, рӯболо мехобид. Аз Худо роҳи осони марг металабид. Ҳамин замон море пайдо шуда ба зарфи шир, ки дар шифти хона овезон буд, сар мехалонад. Ширро фурӯ бурда, онро боз қайд мекунаду ғайб мезанад. Бемори умед аз зиндагӣ канда, хешро бо ҳазору як азоб ба зарф мерасонад ва бо умеди марги осон ширро дам мекашад. Баъди андаке аз хоб бедор шуда, хешро сабуктар ҳис менамояд. Фардо он рӯз боз дар сафи корафтодагони Сино ҳозир мегардад. Чун навбати ӯ мерасад, табиб мепурсад:

— Шумо заҳри морро аз куҷо ёфтед?

Бемор воқеъаро, чуноне ки буд, нақл менамояд. Сино бошад хушҳолона мегӯяд:

— Давои шумо заҳри мор буданашро медонистам, аммо ёфтаву хӯрда натавониста ташвиш мекашед гуфта, хомӯш монда будам. Худо мададгорӣ кардааст.

Ҳа, дар тиббиёти имрӯза нодиртарин доруҳо маҳз бо омехтаи заҳри мор тайёр карда мешаванд, ки бешубҳа дорусозон дар ин бобат нишондодҳои Абӯалӣ ибни Синоро риоя мекунанд. Рамзи фарқкунандаи илми табобат, ки мори ба зарф печидааст, низ худ аз худ пайдо нашудааст.

Ниҳоят, мехостам, ки мо дар роҳи талаби илм насли арзандаи нури Сино бошему рӯҳи ин қабил бузургон мададгорамон гардад.

**Д.БӮТАЕВ,**
ш.Косонсой.



# Модару кӯдак — пояи давлат

Маҷмӯи зоишгоҳи шаҳри Қаршӣ дар вилоят ҷои муҳимро ишғол мекунад. Дар ин ҷо сиҳҳатии модару кӯдак, занҳои ҳомила мунтазам зери назорати духтурон буда, аз модари сиҳҳат ба дунё овардани фарзанди солим хуб ба роҳ гузошта шудааст.

Беморхона дорои 205 ҷой, шӯъбаҳои гинекология, реаниматсия, физиология ва ба зоиштайёркунӣ буда, дар он 55 шифокор ва 91 нафар ҳамшираи шафқат хизмат мекунанд. Сарвари ин маҷмӯъ Салима Очилова бо ширинсуханӣ ва чеҳраи кушодаш ба дарди беморон даво мебахшад. Дар байни ҷамоа Салимаапа бо кордонию ӯҳдабароияш, моҳири касби худ буданаш ба ҳурмат сазовор гаштааст.

— Мақсади асосии мо, ҳифзи сиҳҳатии модару кӯдак, — мегӯяд сардухтур Салима Очилова. — Агар модар сиҳҳат бошад, фарзанди вай ҳам солим мешавад. Ин бошад ба зиммаи оила ва мо, шифокорон, масъулияти калонро мегузорад. Аз ин рӯ аз тамоми имкониятҳо истифода намуда, дар шифохона кулли шароитҳои тиббиро муҳайё месозем. Ғайр аз ин, масъалаи такмили ихтисоси ходимон хуб ба роҳ монда шудааст. Ба қарибӣ 3 нафар дар Тошканд ва як нафар дар Киев шуда, таҷриба омӯхта омаданд. Чунин таҷрибаомӯзиҳо боварии мизоҷонро ба ҷамоаи шифохона зиёд мекунад.

Боварӣ, худомӯзӣ бо ғаму ташвиши беморон будан, касби шифокорро пуршараф мекунад.

**Дар сурат:** акушер-гинекологи маҷмӯи зоишгоҳи шаҳри Қаршӣ, сарвари мактаби «Модарони ҷавон» **Ҳожарбибӣ Султонова.**
**Аксбардор: Насиба ЗИЁДУЛЛАЕВА (ЎзА).**

# Ҷаҳони журналистон

Имрӯз ҳар хонадони Ӯзбекистонамонро бе радиою телевизион, рӯзномаву маҷаллаҳо тасаввур кардан душвор аст. Ҳар кас ки аз хабарҳои тару тозаи мамлакат ва ҷаҳон бехабар монад, чӣ тавр ӯро одами комил гуфтан мумкин аст?! Дуруст, яке бештар ва дигаре камтар аз ахбори ҷаҳон бо сабабҳои обективӣ воқиф мегардад. Ин «гуноҳ»-ро бахшидан мумкин аст.

Шахсоне, ки дар соҳаи матбуот кор мекунанд, бисёр вазифаҳои масъулиятнокро ба ӯҳда доранд. Онҳо мекӯшанд, ки ҳама гуна маводҳо барои шунаванда ва ё хонанда фаҳмо бошад, ҷаҳонбинии ӯро васеъ намояд.

Боре ман аз кору бори рӯзноманигорони «Овози Самарқанд» воқиф гардидам. Дар ҳақиқат, кори рӯзноманигорон бисёр мушкил будааст. То ки як хабари тоза ё мавод рӯи газетаро бинад, кас хуни дил мехӯрдааст. Ман ҳам ба баъзе кормандони рӯзнома пайравӣ карда, аз ҳаёти мардуми Самарқанд хабаре навиштам ва таҳти назари Дилмуроди Раҷабзод рӯи газетаро дид. Хурсандии ман ҳамто надошт. Вале баъди чопи мақолаи аввалинам худро дар қатори рӯзномахонони оддӣ монда, саҳифаҳои «Овози Самарқанд»-ро варақ мезадам. Рости гап, на ҳамаи маводҳои рӯзнома бароям писанд меомад. Яъне, панҷ панҷа баробар набудааст. Бинобар ҳамин ман ҳарчанд кам менависам ва ё кам мехонам, ба маводҳои тару тоза то андозае баҳо дода метавонам.

Аз ин рӯ ман имрӯз ҳамкасбони азизам, журналистони фидоии боистеъдодро ба шарафи Рӯзи матбуот аз сидқи дил табрик намуда, дар кори пурмашаққати журналистиашон комёбиҳои беназир орзумандам.

**Нуралӣ ҶАЛОЛЗОДА, ноҳияи Китоб.**

# Комёбии кулолгарони Ӯзбекистон

***Дар шаҳри Гауди кишвари Ҳӯланд, ки аз қадимулайём ҳамчун маркази истеҳсоли маҳсулоти кулолгарӣ маъруф аст, озмуни XXVII байналхалқии кулолгарон доир гардид. Дар он зиёда аз 140 намоянда аз 30 кишвари ҷаҳон иштирок намуданд.***

Озмуни номбурда, ки соли 1976 аз ҷониби як гурӯҳ шавқмандон ба роҳ гузошта шуда буд, ҳоло яке аз чорабинӣ ва тадбирҳои баландмақоми Ҳӯланд дар ин ҷабҳа ба шумор меравад. Агар пештар дар он устоёни ватанӣ, мутахассисони муқимӣ аксариятро ташкил медоданд, солҳои охир вай ба воҳӯрии байналхалқии устоён ва дӯстдорони санъати кулолгарӣ табдил ёфтааст.

Ба озмун онҳое даъват карда мешаванд, ки қаблан бо кору фаъолияти онон аъзои комиссияи махсуси интихобӣ ошно шудаанд.

Ҷиҳати фарқкунандаи фестивали имсолаи Гауд он шуд, ки дар вай якбора ду нафар ҳунарманд — кулолгарони ӯзбекистонӣ — Назира Қӯзиева аз Тошканд ва Худойбердӣ Ҳақбердиев аз Самарқанд иштирок карданд.

Ин ҳолро дар маросими кушоиши озмун, ҳангоми эроди сухани табрикӣ директори он ҷаноби Кис Слингерланд низ зикр намуда қайд кард, ки иштироки намояндагони мактаби кулолгарии Ӯзбекистон ба анҷуман шукӯҳ ва назокати махсус мебахшид. Ҳамчунин тазаккур ёфт, ки Ӯзбекистон намояндаи ягонаи Осиёи Марказӣ дар фестивал мебошад.

Гӯшае, ки барои ҳунармандони ҷумҳурии мо ҷудо карда буданд, ҳамеша серодам буд, завқу рағбати тамошогарони озмун ба маснуоти кулолгарони ӯзбекистонӣ эҳсос мегардид, корбастҳо низ ба ҳунари дастони сафолсозони мо баҳои баланд доданд.

Чунончи, иштирокдори бисёр намоишгоҳҳои байналхалқӣ, аз ҷумла озмунҳои дар кишварҳои Швейтсария, Хорватия, Қирғизистон баргузор гардида Назира Қӯзиева намунаҳои эҷодиёти худ — пайкараи кӯчак, шамъдон ва ғайраро ба ҳукми бинандагон ва ҳакамон пешниҳод намуд ва соҳиби баҳои баланди мутахассисон гардид.

Узви ҳақиқии Фарҳангистони ҳунарҳои бадеии Ӯзбекистон Худойбердӣ Ҳақбердиев бошад, дар озмуни мазкур бори дуюм иштирок кард. Вай ҳайкалча ва пайкараҳои сафолини мӯйсафедон, мусиқанавозон, шутурон, ҳамчунин зарфҳои сафолии мактаби Риштон, аз ҷумла лаълиҳо, гулдонҳо, чойнаку пиёлаҳо, шоҳкосаҳоро ба маърази тамошо гузошт. Ин маҳсулот на фақат завқу рағбати бинандагонро бедор карданд, балки боз бо зебоиву нафосат ва тарзи хоссаи иҷрояшон диққатангез буданд.

Иштироки намояндагони моро дар озмун метавон ҳам аз ҷиҳати эҷодӣ ва ҳам аз ҷиҳати тиҷоратӣ бомуваффақият ҳисобид.

Донишманди ҳунари кулолгарӣ аз шаҳри Утрехти Ҳӯланд Имекс ван Влиет таассуроти худро чунин иброз дошт.

—Ман гӯшаи ҳунармандони ӯзбекистониро махсус тамошо кардам. Соли гузашта низ ҳунари дастони онҳо дилангез буд. Он сол маро муяссар гардид, ки пайкараи шутурро бо шутуррон харид кунам. Вай маҳсули дасти ҳунарманди самарқандӣ буд. Ҳайкалчаи номбурдаро ман ба меҳмонони хонаводаи худ, донишҷӯёни мактаби олие, ки дар он дарс мегӯям, бо самимияти тамом нишон медиҳам.

И. Влиет ба сифати намояндаи олами илму фарҳанги Ҳӯланд дар он аст, ки экспонатҳои ӯзбекистониён ба меҳмонони сершумори хориҷии озмун имкон медиҳанд, ки онҳо аз фарҳанг ва анъанаҳои ғании бадеии Ӯзбекистон баҳра бардоранд.

—Бовар дорам, ки бинобар ин қабил намоишгоҳҳо ва озмунҳои фарҳангӣ шумо дар Нидерландия шӯҳрати бештаре меёбад. Ман Ӯзбекистонро хеле дӯст медорам ва бисёр мехоҳам, ки ин кишвар дар Ҳӯланд ва умуман Аврупо маълуму маъруф бошад, — гуфт Имекс ван Влиет.

Дар ҷамъбаст бояд илова кард, ки Олмон кишвари соҳибхонаи фестивали имсола буд. Солҳои гузашта Испания, Фаронса, Белгия, ин қабил кишварҳо буданд. Бинобар таъкиди ташкилкунандагони тадбир дар оянда Ӯзбекистонро низ метавонанд ба озмун ба сифати мамлакати соҳибхона даъват намоянд.

**Ҷ. МУТАЛОВ, хабарнигори ОИ «Ҷаҳон»,**

